آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

18 ноябри соли 2023 Шанбе

№ 92 (14999)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# СУРХОНДАРЁ САЛОҲИЯТИ ХЕЛЕ БУЗУРГИ ИҚТИСОДӢ, МАРДУМИ МАРДУ МЕҲНАТДӮСТ ДОРАД

**Президент Шавкат Мирзиёев 16-17 ноябр бо мақсади шинос шудан бо рушди иқтисодиёти ҳудудҳо, иҷрои барномаҳои муҳими иҷтимоӣ дар вилояти Сурхондарё шуд.**





Рӯзи дуюми сафар роҳбари кишварамон аз Минтақаи саноатии ҷавонон ва соҳибкорон, ки дар Тирмиз таъсис дода шудааст, боздид ба амал овард.

Мувофиқи қарори роҳбари давлати мо аз 21 апрели соли 2021 дар тамоми гӯшаҳои кишварамон минтақаҳои саноатӣ ва соҳибкорони ҷавон бо шароити мусоид барои тиҷорат таъсис меёбанд.

Чунин минтақа дар ҳудуди маҳаллаи Тинчлики шаҳри Тирмиз созмон дода шудааст. Дар тамоми биноҳои масоҳаташон 2 гектар 42 лоиҳа дар саноати маводи сохтмон, кимё ва нафту кимё, истеҳсоли мебел, хӯрокворӣ, дӯзандагӣ ҷойгузин шудаанд. Аз ҳисоби вомҳои имтиёзноки бонкҳои тиҷоратӣ бинобар хатти Бунёди дастгирии ҷавонони соҳибкор метавон соҳиби бинову таҷҳизот шуд ва истеҳсолотро ба роҳ монд. Баъди ба фаъолият шурӯъ кардани тамоми корхонаҳо дар ин ҷо зиёда аз 500 ҷойи корӣ ба миён меоянд.

Роҳбари давлат маҳсулотеро, ки корхонаҳо дар ин ҷо ба маъраз гузоштаанд, тамошо кард. Яке аз ин корхонаҳо ба истеҳсоли шарбати анор машғул мебошад ва маҳсулоташро ба кишварҳои ҳамсоя содир менамояд. Боз як корхонаи дигар истеҳсоли сарулибос ва гилемҳоро ба роҳ мондааст, ки занонро бо шуғл таъмин мекунад.

Президент зарурияти созмон додани чунин минтақаҳои саноатиро дар ҳар кадом ноҳияи вилоят таъкид карда, супурд, ки фаъолияти ҳунармандӣ ва хонакориро дар маҳаллаҳо вусъат диҳанд. Супориш дода шуд, ки бо дарназардошти таҷрибаи дусола барномаи алоҳида бинобар рушди соҳибкории ҷавонон дар Сурхондарё қабул карда, бобати татбиқи он ҷалби 50 миллион доллар андешида шавад.

– Соҳибкорони ҷавони кунунӣ ин маҳсули Ўзбекистони Нав мебошад. Онҳо дониш ва муносибатҳои нав доранд. Бинобар ҳамин ҳам минтақаҳои саноатиро бояд ба дасти ҷавонон супурд. Ин «фабрикаи лоиҳаҳо»-и тайёр барои ноҳияҳо хоҳад шуд. Шахсони масъул бояд танҳо ба корхонаҳо бобати ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва ворид шудан ба бозорҳо кумак расонанд. Аз ҳама муҳимаш – арзиш, сифат, рақобат аст, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Баробари ин таъкид шуд, ки ҷавонони вилоят дар соҳаи варзиш имкониятҳои зиёд доранд, вале шароити мавҷуда бо якчанд намуди варзиш маҳдуд мебошад. Вобаста ба ин супориш дода шуд, ки лоиҳаи қарор бинобар ҷалби ҷавонони сурхондарёӣ ба варзиш коркард шавад ва барои ин мақсад ҷудо кардани то 30 миллиард сӯм маблағ пешбинӣ гардад. Дар обанбори Учқизил пойгоҳи зарурӣ барои қаиқронӣ ташкил карда хоҳад шуд.

Дар худи ҳамин ҷо маҳсулоти саноати маҳаллӣ, лоиҳаҳои сармоявӣ намоиш дода ва пешниҳод шуданд. Дар вилояти Сурхондарё 82 лоиҳаи сармоявии арзиши умумиашон 4 миллиарду 600 миллион доллар татбиқ мегарданд. 4 миллиард доллари онҳо сармояҳои бевоситаи хориҷӣ мебошанд.

Дар доираи лоиҳаҳои мазкур молҳо бо арзиши иловагӣ, ҳамчунин даҳҳо ҳазор ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои энергетика, кимё, маъданҳои кӯҳӣ, сохтмон, бофандагӣ ва дигар ҷабҳаҳои саноат истеҳсол мешаванд.

Дар шаҳри Тирмиз бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев бинобар баррасии чораҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Сурхондарё ҷамъомад баргузор шуд.

Минтақа мунтазам инкишоф меёбад. Дар пеш нақша ва имкониятҳои зиёд ҳастанд. Аз ҷумла, 4 лоиҳаи нави бузурги саноатии арзишашон 3 миллиарду 300 миллион доллар ташаккул дода шуданд. Аз ҳисоби онҳо иқтисодиёти минтақа 6,5 триллион сӯм, буҷаи маҳаллӣ 1,6 триллион сӯм, содирот 100 миллион доллар зиёд мегардад, 2 ҳазор ҷойҳои нави кори сердаромад ташкил карда мешаванд.

Чунончи, дар маҷмӯи газу кимёи Бойсун барои тоза кардани 5 миллиард мукааб газ ва соле дар ҳаҷми 6 триллион сӯм истеҳсол намудани гази табиӣ ва кибрит (олтингӯгирд) 3 миллиард доллар ҷудо карда хоҳад шуд. Минтақа ҳар сол ба ҳисоби миёна аз содирот 120 миллион доллар ба даст меоварад. Ҳафриёти геологӣ вусъат ёфта, захираҳои газ боз ба 100 миллиард мукааб метр зиёд карда мешавад.

– Сурхондарё иқтидори бузурги иқтисодӣ, сарватҳои зеризаминиву рӯизаминӣ, аҳолии мард ва меҳнатдӯст дорад. Дар ҳоли ҳозир ҳатто нисфи ин имконият истифода намегардад. Бояд шароит фароҳам оварда шавад ва шуғл, сармояҳо, содирот ва даромадҳо чандин карат зиёд гарданд, – гуфт роҳбари давлат.

Вобаста ба ин пешомадҳо бобати ба минтақа ҷалб намудани 1,5 миллиард доллар сармояҳо, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳаҷми 12 триллион сӯм, содироти молҳо ба миқдори 500 миллион доллар ва коҳиш додани воридот ба андозаи 100 миллион доллар муайян карда шуданд. Қайд гардид, ки бо кор таъмин сохтани 400 ҳазор сокинон бояд вазифаи асосии ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо бошанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# БА ҶАМОАИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ «КОМБИНАТИ МАЪДАНҲОИ КӮҲИИ НАВОӢ» ВА КОРХОНАИ ДАВЛАТИИ «НАВОИУРАН»

*Ҳамватанони азиз!*

*Шуморо бо 65-умин солгарди таъсисёбии Комбинати маъданҳои кӯҳии Навоӣ ва дар кишвари мо ба роҳ монда шудани саноати уран аз таҳти дил муборакбод менамоям.*

*Тилло, урани табиӣ ва дигар канданиҳои фоиданок – сарвати халқ мебошанд, ки бо меҳнати фидокоронаи шумо дар даштҳои беканори Қизилқум истихроҷ мешаванд, онҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ба дараҷаи баланд эътироф мегарданд ва баҳри таъмин сохтани рушди иқтисодии мамлакат аҳамияти бузурги стратегӣ доранд.*

*Комбинат ва корхонаи аз он ҷудошудаи «Навоиуран», ки дар онҳо тақрибан 50 ҳазор коргари баландихтисос, муҳандисону мутахассисон – намояндагони зиёда аз 40 миллат ва халқият кор мекунанд, ифтихори миллии саноати мо ба шумор меравад.*

*Ба шарофати эътибори бузурге, ки солҳои охир ба рушди соҳа дода мешавад ва дар истеҳсолот бо суръати баланд ҷорӣ гардидани технологияҳои замонавӣ комбинат дар байни ширкатҳои машҳури тиллоистеҳсолкунандаи хориҷӣ аз мақоми 7-ум ба зинаи 4-ум баромад. Дар рейтингҳои байналхалқӣ кони «Мурунтов» мавқеи баланд дорад.*

*Бояд таъкид кард, ки дар муҳлати кӯтоҳ дар комбинат 23 лоиҳаи бузурги сармоявӣ татбиқ гардиданд, аз ҷумла истеҳсоли корхонаҳои гидрометаллургии №5, 6 ва 7, ҳамчунин навбати дуюми корхонаи гидрометаллургии №2 ба кор сар карданд, зиёда аз 15 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил шуданд. Чун натиҷа соли равон ҳаҷми истеҳсоли тилло нисбати соли 2016-ум 25 фоиз, урани табиӣ 20 фоиз, нуқра 46 фоиз афзуд.*

*Алҳол Ўзбекистон дар ҷаҳон бинобар истихроҷи уран ҷойи 5-умро ишғол менамояд. Корхонаи давлатии «Навоиуран» маҳсулоти худро сад фоиз ба содирот мебароварад.*

*Дар доираи барномаи ҳудудикунонӣ таҷҳизоти барои иқтидорҳои нав зарурӣ дар маҳал истеҳсол карда мешаванд. Танҳо Корхонаи мошинсозии Навоӣ соле ба ҳисоби миёна 15 ҳазор намуди маҳсулоти воридотиро истеҳсол менамояд.*

*Ба мақсади барои соҳа тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси муҳандисӣ пойгоҳи моддиву техникӣ ва иқтидори илмиву педагогии Донишгоҳи давлатии кӯҳиву технологии Навоӣ мустаҳкам мегардад. Моро он чиз, бахусус хурсанд мекунад, ки ин ҷараёнҳои мураккаби технологиро асосан ҷавонони соҳиблаёқат, ки дар чунин мактабҳои олӣ таълим гирифтанд, идора менамоянд.*

*Рағбатноксозии меҳнати коргарону хидматчиён, беҳтар кардани шароити зисту истироҳати онҳо дар маркази эътибори мо қарор доранд. Бисёр маъданистеҳсолкунандагони мо сазовори мукофотҳои олии Ватан гардидаанд. Чунончи, ба муносибати ҷашни имрӯза як гурӯҳ намояндагони соҳа бо унвонҳои ифтихорӣ, ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Онҳоро бо мукофотҳои олӣ самимона муборакбод менамоям ва комёбиҳои нав орзу мекунам.*

*Дӯстони муҳтарам!*

*Дар доираи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» мо бобати татбиқ сохтани корҳои бузург, аз ҷумла дар соҳаи мазкур нақшаҳо пешбинӣ кардаем. Чунончи, оид ба азхуд намудани кони «Оқтов», татбиқсозии лоиҳаҳои зиёди сармоявии нав, 3 баробар афзун кардани ҳаҷми истихроҷ ва коркарди уран пешбинӣ шудаанд.*

*Муътақидам, ки шумо, азизони ман, ки ҳаёти худро ба ин соҳаи муҳим бахшидаед, барои сазоворона идома додани анъанаҳои шуҳратёри меҳнатии ҷамоаҳоятон ва минбаъд баланд бардоштани нуфузи саноати кӯҳиву металлургии мамлакат бо матонати бештар кор мекунед.*

*Шуморо бо ҷашни имрӯза бори дигар муборакбод мегӯям, ба ҳамаатон дар меҳнати пуршараф саломатии мустаҳкам, фаровонҳолӣ ва комёбиҳои бузург таманно менамоям.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.***

***Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# ДАР БОРАИ ЗИЁД КАРДАНИ МИҚДОРИ МУЗДИ МЕҲНАТ, НАФАҚА ВА КУМАКПУЛИҲО

Ба мақсади вусъат додани миқёси чораҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ, идома додани сиёсати пай дар пай зиёд намудани даромади шаҳрвандон, ҳамчунин беҳтар сохтани ҳифзи иҷтимоии онҳо нигаронда шудаанд:

1. Аз **1 декабри соли 2023**:

миқдори музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ, нафақа ва кумакпулиҳо **7 фоиз**;

миқдори асосии ҳисобу китоб **3 фоиз** зиёд карда шавад.

2. Аз **1 декабри соли 2023** дар ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон:

миқдори камтарини музди меҳнат – моҳе **1 050 000 сӯм**;

миқдори асосии ҳисобу китоб – моҳе **340 000 сӯм**;

миқдори асосии ҳисоби нафақа – моҳе **372 000 сӯм**;

миқдори камтарини нафақа бинобар синну сол – моҳе **725 000 сӯм**;

миқдори камтарини нафақа бинобар ногироӣ, аз ҷумла нафақа ба сабаби маъюбӣ дар мавриди собиқаи нопурраи кор – моҳе **800 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ бинобар маъюбӣ, ки ба шаҳрвандони ғайриқобили меҳнат пардохта мешавад ва кумакпулӣ ба шахсони аз кӯдакӣ маъюб – моҳе **800 000 сӯм**;

миқдори камтарини нафақа, аз ҷумла иловапулӣ ба шахсоне, ки дар натиҷаи Ҷанги солҳои 1941-1945 маъюб шудаанд ва иштирокдорони он, ҳамчунин собиқ асирони ноболиғи конслагерҳои фашистӣ ва шахсоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград кор кардаанд, – моҳе **3 527 000 сӯм**;

миқдори нафақаи аз рӯйи синну сол нафақагирандагон дар ҳаҷми камтарини муқарраршудаи нафақаи синну сол (725 000 сӯм) то 800 000 – моҳе **800 000 сӯм**;

миқдори кумакпулиҳо ба шаҳрвандони солхӯрда, ки собиқаи зарурии корӣ надоранд, – моҳе **608 000 сӯм**;

миқдори камтарини нафақа бинобар синну сол дар мавриди собиқаи нопурраи корӣ бо назардошти иловапулӣ – моҳе **608 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ ба вакили қонунии кӯдак, ки ба нигоҳубини кӯдакони маъюб дар синни то 18, ки ба нигоҳубини берунӣ ниёз доранд, – моҳе **608 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ барои як узви ғайриқобили меҳнати оила, ки ба сабаби аз даст додани саробон кумакпулӣ мегирад, – моҳе **608 000 сӯм** бо иловаи **212 000 сӯм** барои ҳар кадом узви минбаъдаи ғайриқобили меҳнати оила;

миқдори камтарини нафақа барои як узви ғайриқобили меҳнати оила, ки ба сабаби аз даст додани саробон нафақа мегирад, моҳе **608 000 сӯм** бо пардохти нафақа ба ҳар кадом аъзои навбатии ғайриқобили меҳнати оила мувофиқи тартиби дарамал муқаррар карда шавад.

3. Хароҷоти вобаста ба зиёд кардани миқдори музди меҳнати кормандони ташкилоти буҷавӣ, нафақа ва кумакпулиҳо аз ҳисоби маблағҳои Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Бунёди ғайрибуҷавии нафақаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молия сарпӯш карда шаванд.

4. Ба кордиҳандагон тавсия дода шавад, ки зиёд кардани миқдори музди меҳнатро мувофиқи миқдори камтарини музди меҳнат татбиқ кунанд, пардохти музди меҳнатро на камтар аз пардохти музди камтарини меҳнат, ки ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ муқаррар намудаанд, таъмин намоянд.

5. Ба Вазорати иқтисодиёт ва молия супурда шавад, ки ҷудо кардани маблағҳои иловагиро аз Буҷаи давлатӣ, ки барои таъмин сохтани иҷрои Фармони мазкур тақозо мешаванд, хароҷоти музди меҳнатро аз ҳисоби ҷорӣ намудани воҳидҳои иловагии штатӣ дар натиҷаи созмон додани иқтидорҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, зиёд кардани миқдори хонандагон ва шумораи муассисаҳои ибтидоии тиббӣ таъмин кунад.

6. Ба Вазорати иқтисодиёт ва молия супурда шавад, ки:

якҷо бо Агентии миллии иттилооти Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, ҳамчунин Агентии ахбору коммуникатсияҳои оммавӣ кори васеъ равшан намудани мақсад ва вазифаҳои Фармони мазкур, натиҷаҳои пешбинишударо дар расонаҳои ахбори оммавӣ, шабакаҳои Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монад;

якҷо бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклиф ворид кунад.

7. Масъулияти шахсии таъмин сохтани иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ.А.Қӯчқоров гузошта шавад.

Муҳокимаи ҷараёни иҷрои Фармони мазкур, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳое, ки барои иҷрои он масъул мебошанд, ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н.Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*17 ноябри соли 2023.*

# СУРХОНДАРЁ САЛОҲИЯТИ ХЕЛЕ БУЗУРГИ ИҚТИСОДӢ, МАРДУМИ МАРДУ МЕҲНАТДЎСТ ДОРАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Таъкид шуд, ки ба кор андохтани конҳои мавҷуда захираи бузургтарини ҷалби сармояҳо ба минтақа ва рушди саноат ба шумор мераванд.

Ба шахсони масъул бобати аз худ кардани захираҳои қўрғошим, руҳ ва тилло, мармари сафед дар Сариосиё, ангишт дар Бойсун ва Сариосиё, нуриҳои калийдор дар Шеробод супориш дода шуд. Бинобар вусъат додани пажўҳишҳои геологӣ дар ноҳияҳои кўҳии вилоят вазифаҳо гузошта шуданд.

Ба шарофати шароити табиии хоку иқлим вилояти Сурхондарё метавонад оид ба парвариши маҳсулоти зудпаз пешқадам бошад. Вале, қайд шуд дар ҷамъомад, барои бо тухмӣ ва ниҳолҳои баландҳосил, ҳамчунин фурўши маҳсулоти рўёндашуда мушкилот мавҷуданд. Бинобар ҳамин ҳам ба Вазорати кишоварзӣ супурда шуд, ки дар 10 ноҳия лабораторияҳои un vitro ташкил диҳад.

Соли оянда дар шафати саҳроҳо барои хушккунӣ, ба навъҳоҷудокунӣ, банду басти маҳсулот, таҷҳизот, ҳамчунин 70 яхдони хурд устувор карда мешаванд. Дар 100 ҳазор гектар зироатҳои барои содирот пешбинишуда, аз ҷумла пиёз, брокколи, шакарсеб (розмарин), руккола, сесанбар (тимян), нозбўйи сурх, пўдина рўёнда хоҳанд шуд.

Қарор дода шуд, ки дар Ангор, Ҷарқўрғон, Қумқўрғон, Олтинсой, 6 маркази нигоҳдорӣ, хушккунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, ҳамчунин дар ноҳияи Тирмиз якҷо бо Куриёи Ҷанубӣ хабби логистикии арзишаш 50 миллион долларина бунёд меёбанд.

Пахтаи маҳиннах то 15 фоиз кам об талаб мекунад ва бармаҳал ба ҳосил медарояд. Бинобар ин, супурда шуд, ки майдони парвариши чунин навъи пахта то ба 50 ҳазор гектар вусъат дода, коркарди он то 30 фоиз зиёд, бинобар генетикаи молекулярӣ ва тухмипарварӣ лоиҳаи муштарак ва лабораторияи замонавӣ ташкил карда шаванд.

Дар ҷамъомад мушкилоти норасоии об муҳокима гардид. 80 фоизи заминҳои вилояти Сурхондарё бо насосҳо обёрӣ мешаванд, ки арзиши обро ду баробар зиёд мекунад, 20 миллион киловатт-соат энергияи электр беҳуда исроф мегардад.

Ба одамон бояд ғояи муфту ройгон набудани обро талқин кард, якҷо бо фаъолони маҳаллӣ, куҳансолон, зиёиён ва ҷомеаи васеъ ин ғояро ба қонуни ҳаёти ҳамарўза табдил дод, - гуфт Президент.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки барномаи дусолаи исрофаш оид ба бетонрезии 47 ҷўйбор, таъмир намудани 6 ҷўйбори дараҷаи баланди обро кор карда бароянд.

Имкониятҳои сайёҳии минтақа низ баланд мебошад. Дар ин ҷо зиёда аз 600 иншооти мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ мавҷуданд. Ҳоли ҳозир корҳо бобати созмон додани осорхонаи зери осмони кушод дар назди ёдгории Далварзинтеппа оғоз гардидаанд.

Дар идомаи ин кор бояд ғорҳои «Бойбулоқ», «Тешиктош» ва «Мачай» дар Бойсун, ёдгории «Узундара» ба осорхона табдил дода шаванд. Дар ғори «Хатак» ва дараи Зараутсойи Шеробод экспедитсияҳои олимони хориҷӣ ташкил карда мешаванд. Боз 10 маҳалла ба мисли Сангардак, ба деҳаи сайёҳӣ табдил дода хоҳанд шуд.

Шифохонаи «Омонхона» таъмир ва васеъ карда мешавад, истироҳатгоҳҳои нав бунёд меёбанд. Дар ноҳияҳои Бойсун, Олтинсой, Сариосиё ва Шеробод лоиҳаҳои арзишашон 200 миллион долларина, бунёди роҳҳои танобӣ, меҳмонхонаҳо ва иншооти хидматрасонӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои иҷтимоӣ эътибори махсус дода шуд.

Муҳимияти дар ҳар кадом маҳалла кушодани фитобар ва дорухона барои пешгирии бемориҳо, барои ин коркарди барномаи машқҳои хонагӣ ва таомномаи хўроки солим таъкид гардид.

Зарурияти кумакрасонӣ ба ҷамоаҳои эҷодие чун «Бойсун», «Шалола», «Бойчечак», «Булбули гўё» барои иштирокашон дар ҷашнвораҳои байналхалқӣ, ташаккул додани Бунёди тиллоии эҷодиёти бахшиён, достонсароён ва гўяндагон зикр гардид.

Таъкид шуд, ки барои ҷалби ҷавонони Сурхондарё ба варзиш қарори махсус қабул карда шавад.

Дар ҷараёни машварат фикру ақида ва пешниҳодҳои вазирону ҳокимон, намояндагони зиёӣ ва соҳибкорон шунида шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Тирмиз бо фаъолияти корхонаи дўзандагӣ-кластери «Indenim Textile» шинос гардид.

Корхонаи мазкур соли 2019 ба кор даромад, арзиши умумии лоиҳа зиёда аз 10 миллион долларро ташкил дод. Ба шарофати технология ва таҷҳизоти пешқадами аз Олмон, Ҷопон, Туркия ва Чин харидшуда, иқтидори соле истеҳсол кардани 800 навъи 9 миллион адад сару либос фароҳам оварда шуд.

Як қисми маҳсулот ба содирот бароварда мешавад, қисми асосӣ бошад, дар мағозаҳои «Indenim»-и бозори дохилӣ ба фурўш мераванд.

Роҳбари давлат бо ҷараёни кор ва маҳсулоти корхона шинос гардид.

– Дар мамлакати мо ашёи хом барои дўзандагӣ кофист, сифати маҳсулот низ беҳтар мегардад. Вале мактаби ороиш ба дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Ҳоло мўд дар ҷаҳон зуд тағйир меёбад. Барои он ки корхонаҳои дўзандагии мо рақобатбор бошанд, бояд мактаби дизайн инкишоф дода шавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Вобаста ба ин барои беҳтар кардани сифати тайёркунии кадрҳо супоришҳо дода шуданд, мутахассисон барои зиёд кардани таҷриба бояд ба мактабҳои мамлакатҳои пешқадам, масалан, Италия фиристода шаванд. Ҳамчунин зарурияти омўхтан ва пешгўӣ кардани бозор, кумакрасонӣ ба соҳибкорон дар масъалаи мазкур таъкид гардид.

Дар корхона мономарказ амал мекунад, ки ба кормандон таълим медиҳад. Дар ин ҷо 800 зан бо кор таъмин карда шудаанд.

Дар кластери «Indenim Textile» бобати парвариш ва коркарди пахта, истеҳсоли калоба, дўхтан ва фурўхтани сару либос кори мусалсал ба роҳ монда шудааст. Дар ин иқтидорҳо 9 ҳазор нафар кор мекунанд.

Ба роҳбари давлат дар бораи нақшаҳои минбаъдаи корхона маълумот дода шуд. Дар оянда зиёд кардани ҳаҷми калобаресӣ ва рангрезии матоъҳо, истеҳсоли сару либос пешбинӣ шудааст. Умуман барои ин мақсадҳо сармоягузории 55 миллион доллар пешбинӣ мегардад. Дар натиҷа боз 10 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбанд.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Сурхондарё анҷом ёфт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Холмўъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

*Моҳонаи бехатарӣ аз сўхтор*

## ФАЪОЛ БОШЕМ!

***Ба мақсади пешгирӣ кардани сўхтор дар мавсими тирамоҳу зимистонӣ ва пурзўр намудани чорабиниҳои таъмини бехатарӣ аз сўхтор аз 15 ноябр то 15 декабри соли ҷорӣ дар ҳудуди ҷумҳуриамон «Моҳонаи бехатарӣ аз сўхтор» эълон гардид.***

Барои босамар гузаронидани моҳонаи мазкур ходимони шуъбаи вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт гузаронидани як қатор чорабиниҳоро ба нақша гирифтаанд. Мувофиқи нақша онҳо, пеш аз ҳама, ба хонаҳои бисёрошёна ва маҳаллаҳои аҳолинишин рафта, оиди пешгирии сўхтор, истифода накардан аз асбобҳои гармидиҳии дастисохт, эҳтиёт шудан аз ғубори газ сўҳбатҳо мегузаронанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ноҳияи мазкур маҳаллаҳои Чортоқ, Гулзор, Ташаббус, Хушнуд, Ёрқин ҳаёт, Чароғон ва ғайра ҷойгир буда, дар онҳо 1008 ва дар биноҳои бисёрошёнаи маҳаллаҳо 37854 хонадон мавҷуданд.

Дар асоси реҷа дар 5 рўзи аввали моҳона ходимони бехатарӣ аз сўхтор бо мутасаддиёни маҳаллаҳо бояд дар 895 хонадони биноҳои баландошёна ва 456 хонадони маҳаллаҳо рафта, ҳолати ускунаҳои газ, дегхонаҳои гармидиҳӣ ва дудбароҳои хонадонҳоро месанҷанд. Бо баробари аниқ кардани носозиҳо ба саривақт бартараф намудани онҳо мекўшанд.

**Бегзод ПИРМАТОВ,**
**инспектори шуъбаи профилактика ва назорати вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт.**

*Дар нигористон*

## "БАНДИ ХАЁЛҲОИ ХУД"

***Дар қасри фарҳанги байналхалқии Икуо Хироямаи Академияи бадеӣ намоишгоҳи шахсии рассом Азиза Қориева ташкил карда шуд. Дар он беш аз 30 намуди эҷодиёти рассом пешкаши ҳаводорони санъати рангтасвир гардид.***

"Укёнуси Атлантика", "Банди хаёлҳои худ", "Роҳи каҳкашон", "Шафтолузор", "Тўҳфа", "Китоби ҳаёт" барин асарҳои рассом, ки дар экспозитсия ҷой доранд, тамошобинро ба мулоҳиза меандозанд. Эҷодиёти рассом дар Тошканд ва як қатор мамлакатҳои хориҷӣ намоиш дода шуда, бо мукофотҳо тақдир шудааст.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

## *ХАБАРҲО*

### ҲАМКОРӢ ДАР СОДИРОТИ ЭНЕРГИЯИ «САБЗ»

***Навъе хидмати матбуоти Вазорати сармояҳо, саноат ва савдо хабар медиҳад, дар шаҳри Боку намояндагии се давлат – Ўзбекистон, Озарбойҷон ва Қазоқистон лоиҳаи истиқболии ба Аврупо содир намудани энергияи «сабз»-ро муҳокима карданд.***

Аз Ўзбекистон вазири сармояҳо, савдо ва саноат Лазиз Қудратов ва вазири энергетика Ҷўрабек Мирзомаҳмудов намояндагӣ намуданд. Дар ҷамъбасти вохўрии вазирони се кишвар масъулон баёноти муштарак ба имзо расонданд.

Иштирокдорон, айни замон, оиди ҳамкорӣ дар соҳаи коркарди манбаъҳои энергияи барқароршаванда, истеҳсоли водороди сабз, аммиак ва содироти онҳо, ҳамчунин барпо намудани инфрасохтор дар соҳаи мубодилаи энергия дар масъалаи созмон додани гурўҳи корӣ ба як қарор омаданд.

### БЕҲТАРИН МУШТЗАНҲОИ ДУНЁ ДАР ТОШКАНД

***Дар доираи 61-умин Конвенсияи Шўрои умумиҷаҳонии бокс (WBC) дар маҷмўи варзишии «Ҳумо Арена» бо иштироки беҳтарин муштзанҳои касбии дунё зўрозмоӣ баргузор мегардад.***

Мубориза барои унвони чемпиони ҷаҳон шиддатнок хоҳанд гузашт. Дар ин мусобиқаи дараҷаи ҷаҳонӣ ҳамдиёрони мо низ ба чӣ қодир будани худро нишон медиҳанд. Чунончи, ҳаводорони бокс ба қуввазмоии чемпиони Олимпия ва Бозиҳои Осиё Баҳодур Ҷалолов ва муштзан аз Африкаи Ҷанубӣ Крис Томпсон гувоҳ хоҳанд шуд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

## СОХТМОНИ ШАҲРАКИ АЛ-ХОРАЗМӢ ДАР УРГАНЧ

*Маҷмўи мазкур дар наздикии аэропорти байналхалқии Урганч дар зиёда аз 130 гектар майдон барпо мегардад. Дар маркази шаҳрак ҳайкали Ал-Хоразмӣ қад меафрозад. Донишгоҳ ба номи аллома ва назди он мактаби ба бачагони боистеъдод ихтисосонидашуда сохта мешаванд.*

*Инчунин ин ҷо марказҳои илму фан, инноватсия ва маданият, технопарк, клиникаи тиббӣ, хиёбонҳо, 4 мактаб ва 6 боғчаи бачагона, маҷмўҳои варзишӣ, ҷойи исти мошинҳо, биноҳои савдо ва маишӣ барпо карда мешаванд. Сохтани 133 бинои бисёрошёнаи дорои 5444 хонадон дар назар аст. Иншооти мазкур бо «технологияҳои боақл» таҷҳизонида мешаванд.*

*Алҳол зинаи аввали корҳои сохтмонӣ анҷом ёфта, 20 бинои 5 қабата қад афрохт. То охири сол боз 12 то бинои бисёрошёна сохта мешавад. Барои саривақт ва босифат барпо гардидани маҷмўъ 35 ташкилоти бинокории пудратчӣ ҷалб шуда, ба он зиёда аз 2 ҳазор коргарон сафарбар гардидаанд. Рўзҳои наздик дар атрофи ҳайкали Ал-Хоразмӣ шинондани ниҳолҳои ба иқлими ҳудуд мусоид дар назар аст.*



***Дар суратҳо: лав**ҳаҳо аз сохтмони шаҳраки Ал-Хоразмӣ.*

***Суратгир: Беҳзодбек САИДОВ (ЎзА).***

**18 ноябр – Рўзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## РАМЗИ ВАТАНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Кишвари мо сарзамини саховатманд аст. Мардуми он решаҳои амиқи дерина дошта, соҳиби анъанаҳои ғании фарҳангӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар замонҳои қадим дар минтақаи мо салтанатҳои гуногуни халқҳои туркзабон мавҷуд буданд, ки тўли асрҳо дар афкори сиёсиву ҳуқуқӣ ва таъсиси сохторҳои гуногуни давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Мисли ҳар давлат рамзҳои хоси худро доштанд, ки ормонҳои миллатро инъикос мекарданд. Дар ин рамзҳо аломатҳои муайян: ҳамаи он чи ки мавҷуд аст, одамон, олами ҳайвонот, ки бо тарзи зиндагӣ, рўҳ, анъана, таърихи халқу миллатҳо зич алоқаманданд, инъикос ёфтаанд.***



Халқҳо ва давлатҳо аз қадимулайём парчамҳои Ватанро, ки аслу пояҳои сарзамине, ки онҳоро ба воя расондаанд, инчунин арзишҳои беназири ба тарзи зиндагӣ ва тинати мардум хосро таҷассум намудаанд, қадр карда ва ба он арҷ мегузоранд.

Аҷдоди мо байрақи кишвари маҳбубашонро бо имони худ баробар медонистанд. Қаҳрамонии онҳо дар саҳифаҳои таърих абадӣ нақш бастааст. Пеш аз ҷанг бо Амир Ҳусайн устодаш ба бобои бузург Амир Темур байрақ ва табл ҳадя кардааст. Вақте Соҳибқирон ба сари қудрат омад, ба рамзҳои давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Фармони ў ин буд: агар дар набард ҳатто як сарбоз зинда монад, вай бояд парчами кишварро баланд нигоҳ дорад, зеро парчами поиншуда маънои шикасти давлатро дорад. Тавре ки дар «Маҷмўи қонуни Темур» зикр шудааст, ба амиру афсарон, ки дар набардҳо пирўз гардида, мардонагӣ ва ҷасорат нишон додаанд, байрақ ва табл дода мешуд. Ин ҳам аз мақоми баланди рамзҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад. Наҷмиддини Кубро, ки дар набардҳои зидди муғулҳо барои озодии диёри худ мубориза бурд, парчами Ватани худро собитқадамона ҳифз карда, дар даст нигоҳ дошта, ҳалок гардид.

Дар давраи сохти шўравӣ таърих, рўҳ, анъана ва маданияти халқҳо пурра инъикос дода намешуданд. Рамзҳои давлатӣ ормонҳои ҳақиқии миллату халқиятҳо, асосҳои ҳаёту ахлоқи онҳоро ифода намекарданд. Бо ба даст овардани истиқлолият халқи Ўзбекистон имкон пайдо кард, ки рамзҳои асилро офаранд, ки хусусияти рушди таърихӣ, рўҳияи миллӣ ва орзуву ормонҳоро инъикос мекунанд.

Баъди ба даст овардани истиқлол дар Ҷумҳурии Ўзбекистон корҳо оид ба таъсиси рамзҳои давлатӣ босуръат оғоз гардиданд. Ҳангоми таҳияи расми (эскизи) Парчам ва Мадҳияи давлатӣ комиссия иборат аз рассомони маъруф, муаррих, санъатшинос, устодони тасвир ва графика, арбобони фарҳангу санъат, инчунин ҳуқуқшиносон ва як қатор мутахассисон аз дигар соҳаҳо дар ҷумҳурӣ кор карданд. Тасвири парчам ва герби давлат ба муҳокимаи умум гузошта шуд. Барои беҳтарин эскизи рамзҳои истиқлоли Ўзбекистон озмун эълон карда шуд. Байрақи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон 18 ноябри соли 1991 дар сессияи ғайринавбатии VII Шўрои Олӣ тасдиқ гардида, бо қонун «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» мустаҳкам карда шуд.

Тибқи қонунгузорӣ парчам аз рангҳои кабуди торик, сафед ва сабзи торик иборат аст, бинобар ин, парчами Ўзбекистон иртиботи таърихиро бо давлатҳои дар гузаштаи дур вуҷуддошта ифода мекунад. Тасвири онҳоро дар парчами давлатӣ ҳамчун рамзи қадимии таъриху маданияти халқи ўзбек, саъю кўшиши он ба камолот, бахту саодат ва садоқат ба идеалҳои дурахшон дарк кардан лозим аст. Ҳар боре, ки мо парчамро парафшон, созгории рангҳои кабуду сафеду сабзи он, зебоии ҳилоли сафед ва дувоздаҳ ситораи сафеди панҷгўшаи дар он тасвиршударо мебинем, диламонро ҳисси ифтихори беандоза фаро гирифта, симои Ватан боз дар пеши назари мо пайдо мешавад. Вақте ки мо парчамро мебинем, ягонагии халқро ҳис мекунем ва ба оянда дилпурона менигарем. Тавре ки дар моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон қайд карда шудааст, парчами давлатӣ, ки рамзи соҳибихтиёрии давлат ба ҳисоб меравад, на танҳо рамзи давлат, балки рамзи миллӣ низ маҳсуб меёбад.

Сарвари давлатамон ба Қонун аз 7 июли соли 2023 №ҚҶЎ-853 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» имзо гузошт, ки он аз ҷониби гурўҳи депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ бо назардошти воқеияти замони ҳозира, пешниҳод ва талаботи шаҳрвандон таҳия шудааст. Навгониҳое, ки ба қонун ворид карда шудаанд, аҳамияти муҳим дорад, зеро ин имкон медиҳад, доираи истифодаи парчами давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ, аз ҷумла, ҷавонон ҳамчун рамзи садоқат ба кишвари худ ва ифтихор аз он васеътар шавад.

Аз ҷумла, тағйирот ба он марбут аст, ки парчами давлатӣ дар биноҳо, маҷлисгоҳҳо ва утоқҳои кории як қатор мақомоти давлатӣ, ҳамчунин «дар рўзҳои ид ва ҷашнҳои умумимиллӣ бо назардошти таъмини эҳтироми зарурии он барафрохта мешавад». Дар таҳрири нави қонун ин рўйхат ба таври қобили мулоҳиза васеъ карда шудааст – парчам баробари таъмини эҳтиром ба он, инчунин метавонад дар ҷашнҳои миллӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, тарбияи ҷисмонӣ, фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳои оммавӣ, чорабиниҳои расмии байналмилалӣ, чорабиниҳои байналмилалӣ, идҳои оила-вӣ, ҷашни санаҳои фаромўшнашаванда, маросими дафни арбобони ҷамъиятию давлатӣ, хидматчиёни ҳарбӣ ва дар дигар мавридҳо, аз ҷумла, бе истифода аз сутуни парчам истифода шавад.

Инчунин дақиқ карда мешавад, ки нишонаҳои Парчами давлатӣ, ки симои онро ифода мекунанд, ҳангоми таъмини эҳтиром ба парчам метавонанд «дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, биноҳо ва дигар объектҳо, ҷойҳои истиқомат ё кор, инчунин дар ҳудуди шафати онҳо, дар дохили мошинҳо» истифода шаванд. Қонун, инчунин, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар чорабиниҳои расмии байналмилалӣ Ўзбекистонро намояндагӣ мекунанд, барои нишон додани мансубияти онҳо ба Ўзбекистон истифода бурдани нишонаҳоеро, ки тасвири парчами давлатиро ифода мекунад, иҷозат медиҳад. Нишонаҳо бо тасвири парчами Ўзбекистон метавонад дар либос ва нишони аломати шахсоне, ки дар хидмати ҳарбӣ ё дигар хидмати давлатӣ қарор доранд, инчунин ҳангоми омода намудани либосҳои варзишӣ ба мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва чемпионатҳои Ўзбекистон истифода шаванд.

Дар баробари ин, истифодаи нишонаҳое, ки тасвири парчами давлатиро ифода мекунанд, ба мақсадҳои тиҷоратӣ барои пешбурди молҳои истеҳсолшуда ё фурўхташуда, кор ва хидматрасониҳо манъ аст.

Истифодаи парчам ва рамзҳое, ки тасвири онро дар намуди дарида, чиркин, сўрох, пажмурда ё ба таври дигар номуносиб, ҳамчун сарпўши чизе; тасвири парчамро дар рўи мизҳо, креслоҳо, стулҳо паҳн кардан ва ба сифати рўйпўш истифода бурдан, инчунин тасвири онро дар дигар ҷойҳое, ки одамон нишастаанд, густурдан ё дар зери пойи онҳо гузоштан; байрақро ҳамчун либос, рўймол ё кати хоб, инчунин барои нигоҳ доштан ва бурдани чизҳо истифода бурдан; парчам ва рамзҳо, ки тасвири онро ифода намудааст, ба мақсади вайронкунии қои-даҳои ахлоқ ва қоидаҳои рафтор дар ҷамъият ва ё ба тарзи дигар, ки таҳқири онҳо дониста мешавад, роҳ дода намешавад.

Чун дар таҳрири қаблӣ ворид намудани ҷузъҳои парчами давлатӣ дар реквизити ҳуҷҷатҳо ё маводи таблиғотии ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ иҷозат дода намешавад, зеро рамзҳои онҳо ба парчами давлатӣ шабоҳат дошта наметавонанд.

Парчами давлатии Ўзбекистони замонавӣ ҳамчун рамзи ворид шудани кишвар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати узви баробарҳуқуқи он хизмат мекунад. Парчами Ҷумҳурии Ўзбекистон дар гўшаҳои гуногуни ҷаҳон, дар биноҳои намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷа ҷилвагар шуда, нуфузи худро дар ҷаҳон ҳамчун давлати мустақили демократӣ мустаҳкам ва афзун менамояд. Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар пойтахтҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Африқо парафшонӣ мекунад. Парчами давлатии Ўзбекистон барои ба вуҷуд овардани обрўи ҷаҳонии ў ҳамчун иштирокчии фаъоли ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ нақши калон мебозад. Дидани ин рамзи давлати мо дар байни парчамҳои давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар бинои Созмони Милали Муттаҳид дар Ист-Ривери Ню-Йорк хеле хурсандибахш аст.

Парчами мо дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ, ки дастовардҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии кишварро дар хориҷи кишвар намоиш медиҳанд, инчунин дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ зуд-зуд бардошта мешавад. Имрўз Парчами давлатӣ дар болои биноҳои Дастгоҳи Президент, Палатаҳои Олий Маҷлис, ҳукумат, мақомоти маҳаллии идоракунӣ парафшонӣ мекунад. Хидматчиёни ҳарбӣ дар назди Парчами давлатӣ зону зада, савганд мехўранд, ки Ватанро мардонавор difoъ мекунанд. Мукофоти олӣ барои варзишгаре, ки дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ғолиб баромадааст, дар байни байрақҳои мамлакатҳои дигар дидани то чӣ андоза баланд бардошта шудани парчами давлатии Ватани маҳбубаш мебошад.

Дар сутуни парчами 65-метра дар назди муҷассамаи оилаи Шомаҳмудовҳо, ки дар майдони Дўстии халқҳо дар шаҳри Тошканд ҷойгир аст, рамзи давлатии ҷумҳурӣ бо ифтихор ҷилвагар шуда, дастовардҳои кишвари соҳибистиқлоламонро дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, такмил додани бунёди давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ризоияти байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ, пеш бурдани сиёсати хориҷии мутавозин ва сулҳҷўёна дар асоси тамоюлҳои муколамаи созанда ва ҳамкории судбахш таҷассум менамояд. Бо ташаббуси Президенти кишварамон дар пойтахт боғи «Ўзбекистони Нав» дари худро боз кард. Даромадгоҳи марказии боғ ба сўи Муҷассамаи Истиқлолият мебарад, ки дар он паррандаи хушбахтӣ Ҳумо – рамзи сулҳ, шукуфоӣ ва озодӣ инъикос ёфтааст. Дар қад-қади роҳе, ки ба сўи ҳайкали ёдгорӣ мебарад, сутунҳои байрақҳоеро дидан мумкин аст, ки дар онҳо байрақҳои Ватани мо бо насими бод алвонҷ мехўранд. Ва ҳамчунин, 12 ноябри соли 2021 дар Истанбул дар нишасти сарони Созмони кишварҳои туркӣ, ки дар он Президенти мо ширкат дошт, дар рў ба рўи котиботи ин Созмон парчами Ўзбекистон барафрохта шуд.

Дар рўзи Парчами давлатии Ўзбекистон ва дар рўзҳои дигар низ барои мо хеле муҳим ва ҳатто зарур аст, ки пояҳои ҳақиқӣ ва амиқеро, ки ҳар яки моро бо сарзамини зархезу халқи худ мепайвандад, фаромўш накунем. Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Ўзбекистони муосир, бешубҳа, ҳаракатро ба сўи навсозии кишвари мо дар бар мегирад. Ва ин такяҳо ва ин орзую умедҳоеанд, ки дар онҳоояндаи мамлакати мо ва ҳар яки мо гузошта шудааст.

Парчами мо рамзи муқаддаси Ватани мост. Онро қонуни мамлакати мо ҳифз мекунад. Вайрон карда шудани қонунгузорӣ дар бораи Байрақи давлатӣ, Герби давлатӣ ё ки Мадҳияи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон ё Ҷумҳурии Қароқалпоқистон сабаби ҷавобгарии дахлдор мегардад.

Эҳтиёткорона ва бо эҳтиром муносибат зоҳир намудан ба парчам – вазифаи шарафноки ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон мебошад. Зеро он халқ ҳамеша сарбаланд аст, ки рамзҳои миллии худро баланд мебардорад ва роҳи он дурахшон,ояндааш бузург хоҳад буд.

**Омонулла МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори ДДҲТ.**

# САНГАРДАК МАҚОМИ «ДЕҲАИ САЙЁҲӢ» ГИРИФТ

***Ўзбекистони мо бо иқлими мусоиду табиати нотакрораш беназир аст. Сайёҳони хориҷиро низ сеҳри ин диёри хушманзару биҳиштосо мафтун сохта, сол то сол ташрифи онон меафзояд. Аз ин ҷиҳат тайи солҳои охир дар кишварамон ба соҳаи сайёҳӣ низ эътибор зиёд гардида, он ба дараҷаи сиёсати давлат бардошта шуд. Вилояти Сурхондарё аз гӯшаҳои хушманзару хушбоду ҳавои кишвар маҳсуб ёфта, сайёҳони маҳаллаву хориҷиро чун оҳанрабо сӯйи худ мекашад. Тамошои дараи Сангардак ва шаршараи муъҷизавиаш ягон бинандаро бефарқ намегузорад.***



Дар тадбире, ки ба муносибати мақоми сайёҳӣ гирифтани деҳаи Сангардак баргузор шуд, раиси Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ У. Шодиев, намояндагони ҳокимияти вилоят ва шаҳру навоҳӣ, мутасаддиёни Саридораи сайёҳии вилоят, намояндагони ташкилотҳои ҷамоатӣ ва вакилони ВАО ширкат варзиданд. Шаршараи Сангардак бо ҷозибаи худ ном баровардааст. Аз ин хотир дар инҷо барои ҷалб намудани сайёҳони маҳалливу хориҷӣ солҳои охир як қатор корҳои ободонӣ ба сомон расонида, барои истироҳати бофароғати онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Сараввал роҳи замоне ноободтахту ҳамвор ва мумфарш гардид. Бунёди амфитеатри замонавӣ, шифохона, мактаби нав, санаторияи замонавии дорои 200 кат, корхонаи «Чеварони Сангардак», меҳмонхонаи дорои 50 ҷой ба ҳусни деҳа афзуданд. Илова бар ин барои ба меҳмонон шароити мусоид фароҳам овардан аз тарафи шаҳрвандон 23 хонаи меҳмонқабулкунӣ кушода шуданд.

Кори дигаре, ки ба сомон расонида шуд, кушодани хати роҳест, ки деҳаҳои Шоҳтут, Назарӣ, Қӯрғонча, Деҳиболо, Аллачапон, Яккатол-и Бойсунро бо деҳаҳои дараи Сангардак (Хубон, Сангардак, Боғча ва ғайра) мепайвандад.

Кори арзишманди дигар ва ҳаҷман бузурге, ки ҳоло дар дараи Сангардак бо суръат давом дорад, бунёди роҳест, ки вилояти Сурхондарёро бо вилояти Қашқадарё пайваст мекунад. Баъди сохта ба истифода дода шудани ин роҳ масофаи роҳи сайёҳоне, ки аз пойтахт ба Сангардак ёхуд Сурхондарё меоянд, хеле ихтисор мешавад.

Тазаккур бояд дод, ки дар ҷараёни тадбир меҳмонон аз ҷойҳои таърихӣ, бунгоҳҳои маишӣ-хидматрасонии Сангардак дидан намуданд. Инчунин, намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ, хоҷагии қишлоқ, боғдорӣ ташкил гардида, баҳри хушҳолии онон барномаи мусиқӣ намоиш дода шуд. Раиси Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ У. Шодиев ба аҳли Сангардак сертификати мақоми «Деҳаи сайёҳӣ»-ро супурд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

***Солҳои охир дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ислоҳоти кулл ба вуқӯъ омада, ба беҳбуди сифати кори ин муассисаҳо мусоидат мекунанд.***

# ХИДМАТИ БОШАРАФИ ЯК БУНГОҲИ ТИББӢ

Дурдасттарин мавзеъҳои аҳолинишини кишвар ҳам аз эътибори ҳукумат берун намонда, барои мунтазам амал кардану ба талаботи замона мувофиқ сохтани шароити хидматрасонии бунгоҳҳои тиббии ин мавзеъҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Бунгоҳи тиббии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ғелон»-и ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё аз чунин масканҳои ҳифзи тандурустӣ аст. Ин муассисаи тиббӣ дар ин кӯҳпоя ягона маскане ба шумор меравад, ки ба ҳифзи саломатии мардум масъул мебошад.

Раҳбари он Ҳусайн Ниёзов барои ободӣ ва пешрафти кори бунгоҳ саъй менамояд. Ӯ духтури кӯдакон аст ва инак, бисту як сол ин ҷониб ба дармондагон кумаки тиббӣ расонда, алоқадри ҳол мушкили онҳоро сабук месозад. Бояд гуфт, ки шароит ва муҳити деҳаҳои дурдасти кӯҳистонӣ аз шифокор тақозо мекунад, ки дар ҳама равияҳои тиб таҷриба андӯзанд ва дар зарурат беморонро аз дард наҷот диҳад. Набудани табибони гуногуни соҳибтаҷриба дар бунгоҳҳои тиббии деҳаҳои дурдаст, ҳарчанд кори ин муассисаҳоро мушкил месозанд, аммо ҳузури ҳадди ақалл як духтури соҳиби маълумоти олӣ дар лаҳзаҳои душвор ба нафъи ин мардум аст. Ҳусайн Ниёзов ҳам дар деҳаи Ғелон аз табибонест, ки соҳиби маълумоти олист ва ҳамеша дар бари ҳамдеҳагони худ қарор гирифта, мушкили онҳоро осон месозад. Вай аз соли 2014 раҳбарии бунгоҳи тиббист.

– Бунгоҳи тиббии мо барои 5470 аҳолӣ хидмати амбулаторӣ ва статсионарӣ мерасонад. Даҳ ҷойи хоб дорад, ки корафтодагон ба таври статсионарӣ муолиҷа мегиранд. Панҷ кат барои занони ҳомила ҷудо шудааст, ки дорои тамоми шароити қабул мебошад, – мегӯяд Ҳусайн Ниёзов.

Дар ин ҷо ду нафар дояи соҳибтаҷриба ифои вазифа мекунанд. Дояҳои ҳамеша ҳозиру нозир Холиса Бобоҷонова ва Марзия Намозова таҷрибаи кории 25-сола доранд. Мардуми Ғелон ин ду бонуи дидадароро зиёда эҳтиром мекунанд.

– Ҳар сол тақрибан 80-90 нафар кӯдак ба дунё меоянд ва мо масъул ҳастем, ки модарон аз ин даргоҳ хушнуд берун раванд, – мегӯяд Холиса Бобоҷонова.

Ҳусайн Намозов илова намуд, ки дар Ғелон ва деҳоти тобеи он ҷамъан 2670 бонувон умр ба сар мебаранд ва аз ин теъдод 1349 нафарашон занони синни таваллуд мебошанд.

Маълум гардид, ки бо дархости бунгоҳ ба деҳаи Ғелон соле ду маротиба аз Бемористони марказии ноҳияи Шаҳрисабз мутахассисони варзидаи соҳаи тиб меоянд ва мардумро аз муоина гузаронида, маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Пиронсолон ва ногиройёни деҳа мудом зери назорат қарор доранд, вазъи сиҳҳатии онҳо мунтазам қайд мешавад. Ҳусайн Ниёзов гуфт, барои беморон хӯроки бепул ва як миқдор доруворӣ ройгон низ дода мешавад. Ҳукумат барои ин ба бунгоҳи тиббии Ғелон моҳе 10 миллион сӯм маблағ ҷудо мекунад.

Бунгоҳ соҳиби бинои замонавии ободу зебост. Таҷҳизоти мавриди ниёзи тиббӣ ҳам дорад. Имконоти хуби мавҷуда аз он далолат медиҳанд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ бобати сиҳҳатии аҳолии деҳоти дурдасттарин низ бефарқ нест.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Қашқадарё.**

**19-уми ноябр Рӯзи байналхалқии занони тадбиркор**

# ИТТИҲОДИЯИ «ЗАНИ ТАДБИРКОР» ТАШКИЛОТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ШУД

Чаро баъзе соҳибкорон муфлис мешаванд ва тиҷораташонро мебанданд? Навкорон бояд чиро омӯзанд ва умуман занони соҳибкор чӣ гуна дастгирӣ карда мешаванд? Мо бо ин ва дигар саволҳо ба раиси шуъбаи Иттиҳодияи «Зани тадбиркор»-и вилояти Самарқанд Фирӯза Хонкелдиева муроҷиат кардем.

**– Аз соли 1991 дар ҳамаи вилоятҳои мамлакатамон бахшҳои «Зани тадбиркор» таъсис ёфтанд. Маълум аст, ки тӯли ин солҳо иттиҳодия дар саросари кишвар ба бисёр бонувон барои оғози тиҷорати худ кумак расонид…**

– Солҳои аввал кор хеле мушкил буд, мо хона ба хона гашта, аз занҳо мепурсидем, ки: оё мехоҳанд бо тиҷорат машғул шаванд?» Ба онҳо умед мебахшидем, дар бораи имкониятҳо ҳарф мезадем. Натиҷаи ин, агар даҳ сол пеш дар шуъбаи вилоятии иттиҳодия ҳамагӣ 100 нафар зан бошанд, имрӯз шумораи онҳо қариб 8 баробар зиёд шуд. Мо ба ғайр аз аъзои доимии иттиҳодия зиёда аз 3000 нафар соҳибкорони вилоятро дастгирӣ мекунем. Хурсандиовар аст, ки имрӯз занони синну соли гуногун дилпурона тиҷорати худро мекушоянд. Мо ба онҳо ёрӣ мерасонем. Аксарият намедонанд, ки тиҷорати худро дар куҷо ва чӣ гуна оғоз кунанд. Мо ба онҳо роҳнамоӣ мекунем, бозорро якҷо меомӯзем ва маслиҳат медиҳем.

**– Шумо бевосита бо занҳои соҳибкор кор мекунед. Оё имрӯз ба занҳо соҳибкор будан осон аст?**

– Соҳибкорӣ барои зане, ки хоҳишу иродаи мустаҳкам дорад, осон аст. Аммо баъд аз оғози фаъолият тадбиркори ҳақиқӣ шудан душвор. Чунки ин қувваи зиёдро талаб мекунад. Ӯ бояд мунтазам таҷриба андӯзад. Тадбиркорӣ танҳо ба маблағ вобаста нест, пули зиёд дошта бошед ҳам, худ аз худ тадбиркор шуда наметавонед. Барои ин мотиватсия, хоҳиш ва дониши баланд лозим аст.

**– Чаро баъзе соҳибкорон муфлис (банкрот) мешаванд ва тиҷораташонро мебанданд?**

– Эҳтимоли банкрот шудани нафароне, ки дар ин соҳа таҷрибаи кофӣ надоранду фаъолияташонро бо вом (кредит) оғоз мекунанд, зиёдтар аст. Бинобар ин, барои оғози кор соҳибкор бояд соҳиби на камтар аз 20 фоизи сармояи ба тиҷорат пешбинишуда бошад. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки 80 фоизи заноне, ки тиҷорати худро бо вом оғоз кардаанд, муфлис шудаанд.

**– Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар вилоят аксар занони соҳибкор ба соҳаи дӯзандагӣ машғуланд…**

– Маҳсулоти қаннодӣ низ маъмул аст, аммо бо тафриқа аз маҳсулоти дӯзандагӣ як камбудии ҷиддӣ дорад, ки ин муҳлати нисбатан кӯтоҳи нигоҳдории маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Вале занони мо дар ин бобат натиҷаҳои хуб ба даст меоранд. Масалан, соли сеюм аст, ки дар маҳаллаи Панҷоби шаҳри Самарқанд сехи пазандагии Гулзода Аҳмадоваи 30-сола амал мекунад. Дар ин ҷо баробари маҳсулоти каннодӣ рӯзе 50 қуттӣ хӯроки нисфирузӣ тайёр мекунанд. Дар сехи соҳибкори ҷавон як шабонарӯз ба ҳисоби миёна зиёда аз 15 килограмм гӯшт харҷ мешавад. Соли гузашта, зане ба мо муроҷиат кард, ки мехоҳад қаҳвахона ё ошхонаи хурд кушояд. Бозорро омӯхта, фаҳмидем, ки дар атрофи он нуқтаҳои хӯроки умумӣ бисёранд, якҷо ба хулосае омадем, ки сехи истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр кушодан беҳтар аст. Алҳол маҳсулоти нимтайёр ва ҳам каннодии ӯро мағозаҳо, супермаркетҳо ва ҳатто бархе аз тарабхонаҳо мехаранд. Ҳоло дар вилоят фаъолияти хонакорӣ низ чун яке аз соҳаҳои бомуваффақият ривоҷ меёбад. Масалан, як соҳибкори ургутӣ истеҳсоли ҷомаҳои анъанавии мардонаро ба роҳ монд. Ӯ қариб 20 нафарро ба кор ҷалб намуда, онҳоро бо маҳсулоти нимтайёр таъмин мекунад. Занҳо гиребон ва ду бари ҷомаро медӯзанд. Ин тақрибан 15 дақиқа вақт мегирад. Аз ин рӯ, занони ҳунарманд рӯзона дар хона нишаста, метавонанд 20–25 адад ҷома дӯзанд.

**– Дар бораи лоиҳаҳои иттиҳодия низ чанд сухан мегуфтед…**

– Лоиҳаҳои доимии иттиҳодия тренингҳои таълимӣ ва дарсҳои маҳорат мебошанд, ки дар рафти онҳо ба занони соҳибкор на танҳо тарзи дуруст пеш бурдани тиҷорати худ, балки ҷанбаҳои ҳуқуқӣ низ омӯзонида мешаванд. Занони тадбиркор ба лоиҳаҳои психологӣ ва курсҳои омӯзиши забони англисӣ низ шавқи зиёд доранд. Ғайр аз ин, дар иттиҳодия моҳе як маротиба аъзои маҳфили соҳибкорӣ, ки назди «Зани тадбиркор» ташкил шудааст, аз дастовардҳои худ нақл карда, дар бораи навигариҳои соҳа суҳбат мекунанд.

Ногуфта намонад, ки Иттиҳодияи «Зани тадбиркор»-и мо мақоми ташкилоти байналхалқиро гирифт. Бинобар ин, доираи имкониятҳо боз ҳам васеъ гардиданд. Минбаъд, мо метавонем бо соҳибкорони ҷаҳон ҳамкорӣ кунем, грант гирем. Масалан, чанде пеш аз ҳамкасбони тоҷикистонӣ барои татбиқ намудани лоиҳаи муштарак пешниҳод омад. Аз ҷумла, занони ҳунарманди моро даъват мекунанд, ки ба Тоҷикистон раванд ва ба занони тоҷикистонӣ тарзи тайёр кардани шириниҳои шарқона, аз ҷумла парвардаро омӯзанд. Илова бар ин, дар ин рӯзҳо мо дар ҳамкорӣ бо Бунёди ҳамкории Олмон лоиҳаи таълимиро амалӣ мекунем. Дар чаҳорчӯби он барои баланд бардоштани саводнокии соҳибкории занони деҳот семинарҳои таълимиву тарбиявӣ баргузор мешаванд.

Хулоса, Иттиҳодияи занони соҳибкор на танҳо барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ кумак мерасонад, балки тавассути баргузории озмуну семинар ва ҳамоишҳо онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мекунад. Дар миёни онҳо озмуни «Анор»-ро мисол овардан мумкин аст, ки ҳар сол гузаронида шуда, беҳтарин зани соҳибкор, ҳунарманд ва кишоварзи кишварро муайян мекунад.

Суҳбаторо **Дилафрӯз ОБЛОҚУЛОВА.**

# МАСКАНИ ЗАМОНАВИИ ЗИЁ ҚАД АФРОХТ

***Бинои нави мактаби таҳсилоти умумии 17-уми шаҳри Бухоро, ки 5 ошёна ва 990 ҷойи нишаст дорад, ба истифода дода шуд.***

Дар чорабиние, ки ба муносибати ифтитоҳи бинои нави таълимӣ баргузор гардид, ҳокими вилоят Ботир Зарипов ислоҳотеро, ки тайи солҳои охир бо ташаббуси Сарвари давлатамон ҷиҳати рушди таҳсилоти мактаб дар кишвар, таълиму тарбияи насли наврас дар шароити муносиб ва боз ҳам беҳтар намудани имкониятҳои азхудкунии донишу малакаҳои муосир амалӣ мешавад, алоҳида таъкид карда, бо бинои нави таълимӣ ҷамоаи мактаб, хонандагон ва падару модаронро муборакбод намуд.

Ба корҳои бунёдкорие, ки бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «G`ijduvon Govshun Maxsus Qurilish Montaj» ба ҷо овардаанд, қариб 14 миллиард сӯм маблағ харҷ карда шуд.






Дар маросим ба бинокорон-муҳандисон, ки дар сохтмони бинои таълимӣ фидокорӣ нишон додаанд, эҳтиром зоҳир карда шуд.

Баъд аз он иштирокдорони чорабинӣ бо шароити дар бино фароҳам овардашуда, ки ба маскани зебову замонавии зиё табдил ёфтааст, шинос шуданд.

Бо нияти нек ба қитъаи замини мактаб ниҳолҳои дарахтон шинонда шуд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир: Т. ИСТАТОВ (ЎзА).**

# ДАСТОВАРДҲОИ КӮДАКИСТОНЕ, КИ МУДИРАШ МАРД АСТ

Шӯҳрат Бобоҷонов соли 2002 факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва соли 2016 Донишкадаи омӯзгории Тошкандро хатм кардааст. То соли 2018 дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 17-уми ин шаҳр омӯзгорӣ кардааст. Аз соли 2018 директори муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 14-уми шаҳри Ангрен мебошад.

Ташрифи мо ба кӯдакистони рақами 14-уми шаҳри Ангрен ба вақте рост омад, ки дар ҳамаи гурӯҳҳои он машғулият давом мекард. Шӯҳрат Бобоҷонов ба истиқболам баромад. Бо ӯ дар чорабиниҳои фарҳангӣ чанд бор рӯ ба рӯ омадаам. Ҳарду бо мақсади халал нарасонидан ба машғулиятҳои омӯзгорону тарбиячиён дар саҳни ҳавлии кӯдакистон суҳбатро шурӯъ кардем.

– Ин кӯдакистон ҳанӯз соли 1983 сохта шудааст. Баъди чанд соли фаъолият аз беаҳамиятии мутасаддиён оҳиста ба хароба табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, чанд муддат аз он ба ҳайси кӯдакистон истифода сурат гирифтааст. То таъини банда ба сифати директор дар он ҳамагӣ 87 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегирифтанд, – гуфт ҳамсуҳбати ман.

Шӯҳрат Бобоҷонов соли 2018 тасмим гирифт, ки ба ин кӯдакистон ба кор гузарад. Ин тасмими ӯро мақомоти идораҳои вилоятиву шаҳрии муассисаҳои таълими томактабӣ бо хушҳолӣ пазируфтанд.

Давоми панҷ соли охир барои беҳбуди кори таълиму тарбия дар ин кӯдакистон талошҳои зиёд ба харҷ дод, яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳамеша боиси нороҳатии ӯ мешуд, ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набудани бинову синфхонаҳо ва саҳну атрофи он буд. Барои ҳамин як қисми кори таъмиру тармимро тавассути маблағҳое ба ҷо оварод, ки ҳудуди 75 миллион сӯмро ташкил медод ва ин маблағро онҳое ба хазинаи кӯдакистон интиқол доданд, ки дасти саховаташон боз ва меҳру мурувваташон нисбат ба кӯдакони мардум хеле зиёд аст.

– Баъд талошҳоро идома дода, соли 2022 ноил шудам, ки кӯдакистони давлатии мо аз тариқи барномаи инвеститсионӣ куллан тармим карда шавад. Барои тармим 3 миллиард сӯм ихтисос дода шуд. Ҳоло он ба ин мавзеи шаҳр шукӯҳи тоза мебахшад. Саҳну атрофи ин биноро ҳамеша тозаву озода нигоҳ медорем. Зиёда аз 5 ҳазор гулу бута шинонидаву парвариш мекунем, – мегӯяд Ш. Бобоҷонов.

Қобил ба ёдоварист, ки ин кӯдакистон аз рӯи рейтинг дар саросари ҷумҳурӣ дар даҳаи аввал қарор гирифтааст. Ин ба осонӣ ба даст нахоҳад омад.

– Дар кӯдакистони мо 494 нафар кӯдакон аз ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Наврӯз, Намуна, Қарабоғ, Боғи Сурх, Янги Боғи Сурх, Қатаған, Ҳаккарман, Дӯстлик, Корвон, Майдон ва Чотқол ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Тарбиячиён бо онҳо дар 18 гурӯҳи алоҳида кор мебаранд, – изҳор намуд Ш. Бобоҷонов.

Кӯдакистон масканест, ки кӯдак аз назди падару модари худ ҷудо шуда, аввалин бор ба фазои нав ва иҳотаи одамони дигар ворид мешавад. То одат кардан ба ин фазо баъзе мушкилот низ пеш меояд, бо вуҷуди ин оҳиста-оҳиста вай бо кӯдакони дигар шинос мешавад, унс мегирад, ҳамроҳ бозӣ мекунаду шавқу завқ ҳосил менамояд. Ин фазо дар ташаккул ёфтани ӯ заминаи мусоид фароҳам меорад ва кӯдаки 3-6-сола ба мактаб тайёр мешавад.

**– Тавре ки иттилоъ дорам, қаблан дар кӯдакистон гурӯҳҳои тоҷикӣ фаъолият намекард. Ҳоло дар чанд гурӯҳ ин кор сурат мегирад ва натиҷаҳо чӣ гунаанд?**

– Як қисми мардуми шаҳри моро тоҷиктаборон ташкил медиҳанд. Дар шафати мо мактаби таҳсилоти умумии рақами 17 воқеъ гаштааст, ки забони таълим ба забони тоҷикист. Барои ҳамин дар нишасту суҳбатҳо масъалаи дар кӯдакистони мо ташкил кардани гурӯҳҳои тоҷикӣ гоҳ-гоҳ сари забонҳо меомад. Ин боис гардид, ки ба ташкили панҷ гурӯҳи тоҷикӣ ҷиддан иқдом намоем. Ҳоло дар ин гурӯҳҳоямон Дилафрӯз Мирзоалимова, Барно Худойбердиева, Садоқат Рӯзматова, Насиба Кароматдинова ва Рухшона Нидоева ба таълиму тарбияи кӯдакони 6-сола машғуланд, ки баъзан онро «синфи 0» низ мегӯянд. Соли оянда онҳо ба синфи якуми мактаби тоҷикӣ пазируфта мешаванд.

Бар асоси ҳарфҳои Бобоҷонов ҳақи бадал барои як кӯдак 206 ҳазор сӯм муқаррар шудааст. Аммо агар аз як хонавода ду нафар ҷалб шуда бошад, миқдори бадали он 147 ҳазор сӯмиро ташкил мекунад. Боз дар кӯдакистон гурӯҳҳои кӯтоҳмуддат амал мекунанд, ки дар сурати қабул ба он барои ҳар як кӯдак падару модар танҳо 32 ҳазор сӯм мепардозанд. Дар кӯдакистони рақами 14 ҳудуди 60 нафар кӯдакони 3-5-сола таълиму тарбия мегиранд. Дар ин гурӯҳ кор дар ду баст ташкил карда шудааст ва ду гурӯҳ дар шакли алоҳида. Ин низ як имтиёзи хубест, ки тавассути чунин маблағи ночиз кӯдакони хурдсол таҳти назорат қарор мегиранд ва дар як вақт аз таълиму тарбия бархурдор мегарданд.

(Давомаш дар саҳ.4).




*Маслиҳати методӣ*

## ОМӮЗИШИ ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

Дар синфи панҷуми мактабҳои таълими ҳамагонӣ фанни забони тоҷикӣ мувофиқи нақшаи такягоҳии Вазорати маориф ҳафтае ду ё се соат омӯзонида мешавад. Шукр, ки донишомӯзон фаъолона аз устодони худ мавзӯъро омӯхта, дар олимпиадаҳои фаннӣ иштирок мекунанду натиҷаҳои судбахш ба дида мерасад. Омӯзиши мавзӯъҳои фанни мазкурро боз ҳам сайқал додан ва ё аз ғалатҳо холӣ будан низ мақсади муаллиму шогирд аст. Аз мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки алҳол ғалатҳои имлоӣ рӯз то рӯз вусъат меёбанд. Шояд ин дар як вақт омӯзиши фанҳои забони модарӣ, давлатӣ, хориҷӣ ва русӣ ба баъзеи хонандагон душворие пеш орад.

Мебоист мавзӯи «Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг»-ро боз беҳтару хубтар омӯзонем. Зеро аксари иштибоҳҳо ба ҷойи ҳамдигар корбаст кардани ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг ва ё дарк накардани он мебошад.

Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг, ҷуфти худро доштани онҳо (б-п, в-ф, д-т, к-г...)-ро хонанда хуб медонад. Омӯзиши ин мавзӯъро ба таҳлили як ҳикояи хурде низ ҷонноктар кардан мумкин. Яъне, порчаи хурди матнҳои бадеиро истифода кардан самаровар аст. Ин ҳол барои ташаккули навъҳои нутқи хонанда низ замина ҳозир менамояд. Барои мисол порчае аз ҳикояи «Як шоми бемористон»-и нависанда Озодҷон Ҳамидзода, ки дар китоби «Суханобод» дарҷ гардидааст, корбаст мекунем.

«Ҷовидро дард зӯрӣ кард. То поси шаб нахуспид. Дар рӯи ҷойгаҳ ба худ мепечид. Аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт. Гоҳо рӯ ба шифти палата менамуд, то соате хоб кунад. Аммо хобаш намебурд. Бар замми он ҳарорати танаш хеле боло мерафт... (саҳифаи 41).

Ниҳояд аз ҷояш хеста, сӯи ҳуҷраи ду(ӯ)хту(ӯ)ри навбат-т(д)ор омад. Дарашро ку(ӯ)фт.

Дӯ(у)хту(ӯ)р аз ваз(ъ)и саломатии Ҷовит(д) дарак ёфта, дӯ(у) су(ӯ)зандору кард...» (саҳифаи 42).

Ҳамин тавр, хонанда ба чунин ғалатҳо роҳ доданаш мумкин, ки барои такрор нашудани он чунин таҳлилро анҷом дод:

(Ҷовит(д)ро дард зӯ(у)р(и)ӣ кард. То поси шап (б) нахуспид. Дар рӯи ҷойгаҳ (ҷогаҳ) ба худ мепечид. Аз як паҳлӯ(у) ба паҳлӯ(у)и дигар мегашт. Гоҳо рӯ ба шифти палата менамуд, то соате хоп(б) кунад. Аммо(Амо) хобаш намебурд. Бар замми(-зами) он ҳарорати танаш хеле боло мерафт...

Баъди анҷом додани чунин таҳлил дастоварди муайянро нисбати меҳнат ба даст овардан мумкин. Яъне, мавриди корбасти ҳамсадоҳои б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-х-ро донист, ки ҳоло аз нуктаҳои нозуки таълими забон гӯем хато нахоҳад шуд. Агар беэътиборӣ кард, ба ғалатҳои сермаҳсул аз қабили Ҷовит – Ҷовид, хоп – хоб, дӯхтӯр – духтур, шап – шаб, адабиёд – адабиёт ва ғайра рӯ ба рӯ мешавем. Саводхонии хонанда дар кадом вазъият буданашро аз дафтарҳои даврӣ, назоратӣ ва ё вақти дар тахтаи синф навиштани ӯ бараъло эҳсос кардан мумкин.

Ба таври умум гӯем, ислоҳ накардани ин ҳол ба тақдири ҳар як шахс таъсири манфие оварда, дар мактабу ҷомеа чанд ҳолати ногуворро пайдо мекунад. Барои ҳамин сидқидилона омӯхтани мавзӯъ ва фарзанди арзандаи халқу Ватан будан вазифаи муҳим буданашро дар ёд нигоҳ дошт.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 11-уми ноҳияи Сӯх.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Озмун*

## ШАРОИТИ ХУБУ МУСОИД МУҲАЙЁСТ

***Оё аз мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ҳам дар марҳилаи вилоятии озмуни фанҳо хонандагон ширкат мекунанд?!***

Ҳар сол масъулони идораҳои таълими халқ барои хуб гузаронидани озмун аз рӯйи фанҳои таълимӣ чораҳо меандешанд. Баҳри иҷрои қарор ва фармоишоти дар ин роҳ ба тасвибрасондаи Сарвари давлат ва Девони Вазирон, Вазорати таълими халқ саъю ҳаракат мекунанд.

Монанди ҳамин имсол дар давоми моҳи ноябр гузаронидани марҳилаи вилоятии озмуни фанҳо дар назар дошта шуда буд.

– Аввал Кумитаи ташкилӣ таъсис ёфт ва ба таркиби он аз мактабҳои олии қаламрави вилоят устодон ва аз Садорати инноватсия ходимон шомил гардиданд,– мегӯяд роҳбари дафтари матбуоти Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Ҷиззах Сарвиноз Нарзиева. – Аз рӯйи гурӯҳи аввали фанҳо, ба мисли кимё, физика, алгебра, биология аллакай озмун гузашт. 28-30-юми ҳамин моҳ дар шаҳри Ҷиззах оид ба як қатор фанҳои дигар озмун барпо мегардад, ки фанни забони тоҷикӣ ва адабиёт низ ҳаст.

Барои аз ҳар нигоҳ хуб гузаштани озмуни фанҳои таълимӣ аз муассисаҳои олии вилоят ва мактабҳои ихтисосёфта омӯзгорони соҳибмалака ҷалб гардидаанд. Ба ғайр аз ин, аз мактабҳои олии вилояти Самарқанд панҷ нафар устодон омада, дониши хонандагонро месанҷанд. Ба ҳар як фан ҳафт нафарӣ омӯзгорон масъуланд.

– Аз ҳамаи мактабҳо дар зинаи ноҳиявии озмуни фанҳои асосии таълимӣ 1800 нафар хонандагон иштирок намуданд, – гуфт мудири шуъбаи мувофиқсозии фаъолияти мактабҳои ноҳияи Фориш Насиб Норбеков. – Ҳайати ҳакамон барои шаффофу холисона гузаштани озмун кӯшиш ба харҷ доданд. Аз ҷумла, хонандагони панҷ мактаби ноҳия, ки дар он ҷо таълим ба забони тоҷикӣ ҷараён доранд, қариб аз ҳамаи фанҳои гуманитарӣ, ба мисли забону адабиёти тоҷик, таърих, забони ӯзбекӣ, физика, забони хориҷӣ (немисӣ) фаъолона иштирок намуда, бештарашон се ҷойи аввалро сазовор гардиданд. Аз рӯйи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик хонандагони синфи 11-уми мактабҳои рақами 46 ва 49-уми деҳаи Ӯхм Рамзия Дӯнабоева ва Шарофат Эсанбоева ҷойҳои якум ва дувумро ба даст оварданд. Қӯнаров Шоҳрух ва Тағоев Яраш аз ин фанҳо омӯзгорони онҳо мебошанд. Ин хонандагон дар зинаи вилоятӣ, ки охири ҳамин моҳ баргузор мегардад, ширкат хоҳанд кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*ЛАТИФАҲО*

### ШУМО ХАФА НАШАВЕД

Муаллими ҷавон ба директори мактаб шикоят кард:

– Имрӯз медонед, чӣ шуд? Ман аз хонандагон пурсидам: «Бачаҳо Бастилияро кӣ гирифт?», онҳо ба як овоз ҷавоб доданд: «Мо нагирифтаем!» Ин охир ҷаҳолат аст!

Директор:

– Шумо хафа нашавед, агар бачаҳо то охири соли хониш барнагардонанд, онро аз ҳисоб мебарорем.

### ҶАВОБИ ХОНАНДА

Падар аз писараш пурсид:

– Ту аз мактаб бо худ чӣ дарсе овардӣ?

Писар:

– Посбони мактаб ҳамеша дар пушти дар аст. Магар мешавад аз мактаб рустӣ бо худ чизе баровард?

### БУБАХШЕД, МУАЛЛИМ

Роҳбари синф ба бачаҳо гуфт:

– Касе, ки бо баҳоҳои «4» ва «5» мехонад, ба биҳишт меравад, вале баҳои касе, ки «2»-ю «3» аст, ҷояш дӯзах мешавад.

Хонандае пурсид:

– Бубахшед, муаллим, оё имкони номурда мактабро хатм кардан ҳаст?

Тарҷума ва таҳияи
**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

*Андешаҳо*

## КИТОБХОНАҲОИ БЕКИТОБ

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар чандин суханрониву муроҷиатномаҳои худ ба халқи кишвар зарурати ислоҳоти соҳаи таълимро таъкид сохта, сифатан беҳбуд бахшидани онро яке аз омилҳои муҳими пешрафти ҷомеа арзёбӣ намуда буд. Ин аст, ки соли 2023 – «Соли гиромидошти инсон ва таълими босифат» унвон гирифт ва ба шарафи он барномаҳои махсусе рӯи кор омаданд, ки ба такмили соҳаи таълим нигаронида шудаанд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор мушкилот дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳалношуда боқӣ мондаанд, ки сифати таълимро дар дабистонҳо халалдор месозанд.

Яке аз ин мушкилҳо набудани китобҳо ба забони тоҷикӣ дар мактабҳо мебошад, ки мутаассифона, аз ҷиддияти он андеша намекунанд. Манзури ман китобҳои дарсии таълимӣ нест. Чунин мушкил дар ибтидои солҳои истиқлоли ҷумҳурӣ вуҷуд дошт ва идороти мутасаддӣ бо тарҷума ва нашр намудани китобҳои оид ба фанҳо талаботи мактабҳои тоҷикиро як навъ қонеъ сохтанд. Сифат ва тарзи тарҷумаи он китобҳо мавзӯи дигарест. Дар ин навишта мехоҳем, ки набудани китобҳои бадеиро дар китобхонаҳои мактабҳои тоҷикӣ ба таҳлил гирем ва аз паёмадҳои он сухан ба миён гузорем.

Дар китобхонаҳои мактабҳои миёнаи таълимашон ба забони тоҷикӣ адабиёти бадеии ба забони тоҷикӣ хеле камёфт мебошанд ва дар ҳақиқат боиси нигарониҳо аст. Китобхонаҳои баъзе мактабҳои тоҷикӣ як номгӯй ҳам адабиёти бадеии тоҷикӣ надоранд ва ин вазъи риққатовар ба дили кас хеле сахт асар мекунад. Бояд таъкид кард, ки ин як хулосаи сариҳӣ набуда, андешаест, ки пас аз омӯзишҳои бардавом ва дидору мулоқот дар мактабҳои тоҷикии вилоятҳои Қашқадарёву Сурхондарё ба вуҷуд омадааст. Мактабҳои тоҷикӣ адабиёти бадеӣ доранд, аммо на ба забони тоҷикӣ!

Ҳар гоҳе бо хонандагони мактабҳои тоҷикӣ дар хусуси китобу китобхонӣ суҳбатҳо меоростем, аз набудани китобҳои бадеӣ ба забони модариашон шиква мекарданд. Албатта, дар ҳама мактабҳо ду-се (!) номгӯй китобҳои бадеӣ ҳаст (дар баъзе дабистонҳо як номгӯй ҳам китоби бадеии тоҷикӣ нест!), аммо оё «ин ду-се гул баҳор меорад»?! Дар китобхонаи мактаб ба забони тоҷикӣ вуҷуд доштани ин миқдор китоби бадеӣ худ далели сарафкандагист! Ин на ба шаъни тоҷикон зебанда аст, ки аз миллатҳои китобхони ин марзбум ҳастанд ва на ба шӯҳрати Ӯзбекистони Нав мувофиқат мекунад, ки дар ин авохир бунёдашро мақсаду мароми аввалиндараҷаи худ қарор додаем.

Чанде пеш аз ҳоли ҳашт мактаби тоҷикии ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё воқиф гаштаву бо вазъи китобхонаҳои онҳо шинос гардидем. Ин дабистонҳо дар мавзеи саросар тоҷикнишини Боғучорбоғи ноҳия ҷой гирифтаанд. Дар байни ин ҳашт дабистони тоҷикӣ танҳо китобхонаи мактаби рақами 47 «ғанитар» аст. Сечор сол қабл аз ин дар вақти мулоқот бо мардум муроҷиати омӯзгоронро ба инобат гирифта, ҳокими вилояти Қашқадарё даҳҳо номгӯй китобҳои бадеии тоҷикиро тухфа кардааст, ки аксари онҳо дар нашриётҳои кишварамон рӯи чопро дидаанд. Дар боқии мактабҳо вазъ хеле риққатовар аст. Раҳбарони мактабҳо намехоҳанд, ки рӯзноманигорон аз китобхонаи мактаб суоле ба миён оваранд. Шояд медонанд, ки ин маскан ҷуз муаммо пешрафте надорад. Ин аст, ки дар аксар маврид набудани китобдорро баҳона мекунанд ва аз нишон додани китобхона сар мепечанд.

Аз чӣ боис аст, ки идораҳои мутасаддӣ чун Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, шуъбаҳои вилоятиву ноҳиявӣ дар ҳалли ин мушкилӣ аз паси панҷа менигаранд. Ҳар гоҳе дар ин бора меандешам, дилам фишурда мегардад ва ба ҳоли хонандагони мактаб раҳмам меояд.

Адабиёт инсони комилро тарбият мекунад ва вазифаи муҳими он ҳам дар ҳамин ҷамъбаст гардидааст. Аз насли наврасу ҷавонони имрӯз, ки ба далели умуман дастрас набудан китобҳои бадеии тоҷикӣ намехонанд, чӣ тавр инсони комилу хушзавқу хушахлоқро мунтазир шавем?

Рӯзгоре мактабҳои тоҷикӣ адабиёти бадеии фаровоне доштанд ва он аз даврони шӯравӣ мерос монда буд. Он замонаҳо мактабҳои тоҷикии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро тибқи шартномаи тарафайни вазорати таълими халқи ҳар ду кишвар нашриётҳои Тоҷикистон бо китобҳои бадеӣ таъмин месохтанд. Аммо баъдан бо фурӯпошии давлати Шуравӣ ва касби истиқлол намудани ҷумҳуриҳои собиқ низоми ягона алоқаҳо гусаста гашт ва муносибатҳо ба сардӣ гаравида, як муддат дар соҳаи таълим ҳам сардаргумиҳо ба вуҷуд омаданд. Барои мактабҳои тоҷикии кишварамон муаллифони худӣ китобҳои дарсӣ таълиф намуданд ва аксари китобҳо аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ баргардонӣ шуданд. Ин тавр оҳистаоҳиста муаммои китобҳои дарсӣ ҳалли худро ёфтанд. Ҳоло барои сифатан боло бурдани кайфияти китобҳои дарсӣ часпу талошҳо идома доранд. Аммо таъмини макотиби тоҷикӣ бо адабиёти бадеии тоҷикӣ бо ҳар ду пой мелангад ва дар ин самт амалан коре ба анҷом нарасидааст. Баръакс, дар замони раҳбарони пешин китобҳои бадеии мавҷуда бинобар созгор набудан ба талаботи идеологияи ҳукумати нав саросар нобуд карда шуданд. Мудири хоҷагии мактабҳо китобҳои аз шӯравӣ меросро, ки то соли 1992 ба нашр расидаанд, саросар аз китобхонаҳо берун кашида, ба корхонаҳои коркарди коғаз супориданд. Дар байни он китобҳо албатта адабиёте низ хеле зиёд буданд, ки умуман ба сиёсати давру идеологияи навини он дахле надоштанд. Аз ҷумла, китобҳои Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз, мероси гаронбаҳои Саъдии Шерозӣ ва дигарон низ буданд, аммо сад афсӯс, ки ҳама талаф гаштанд. Ин тавр китобхонаҳои пур аз китобҳои тоҷикии мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ холӣ карда шуданд ва аз он амали нанговар солҳо гузашта, кунун китобхонаҳо дигар рӯи китоби бадеиро намебинанд.

Бояд таъкид намуд, ки мушкили таъмини китобхонаи мактабҳои тоҷикиро бо адабиёти бадеӣ ба забони миллӣ ҳарчӣ зудтар бояд ҳал кард ва соҳаи таълимро аз вуҷуди чунин муаммо, ки ҳар сонияву дақиқа чун хоре ба чашм, чун теғи захрогине ба қалбҳо мехалад, халос сохт. То ки сифати таълим дар мактабҳои таълимашон тоҷикӣ беҳбуд ёбад, ин муаммоҳоро, ки умри тӯлонӣ доранд, зудтар бояд ҳал кард.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

## ДАСТОВАРДҲОИ КӮДАКИСТОНЕ, КИ МУДИРАШ МАРД АСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Барои ташкили чунин гурӯҳҳо мо ҳудуди 100 миллион сӯм сарф намудем, то ки барои кӯдакон як бинои нисбатан кучак созем ва дар он шароити ҳадди ақалли бозӣ, таълимгирӣ ва хуш гузаронидани вақти онҳоро таъмин кунем. Як қисми ин маблағ аз ҳисоби шогирдонамон пардохт гардид, ки дар мактаби миёна бароящон сабақ додаам ва онҳо ҳоло дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муваффақона кору фаъолият мекунанд, – мегӯяд Ш. Бобоҷонов.

**– Гурӯҳи маҷбурӣ чӣ гурӯҳест ва он барои чӣ ташкил шудааст?**

– Дарвоқеъ, мо як гурӯҳ ташкил кардаем, ки кӯдакон дар он чор соат дарс мехонанд. Онҳо кӯдаконе мебошанд, ки ба ягон кӯдакистон барои таълиму тарбия ҷалб карда нашудаанд. Аммо соли оянда бояд ба мактаби таҳсилоти умумӣ рафта хонанд. Барои ҳамин гуна қишри фарзандони мардум Ҳукумати ҷумҳурӣ қарори вижае содир намудааст, ки бар асоси он мо ин кӯдаконро ройгон мехононем. Теъдоди онҳо ҳоло 105 нафарро ташкил медиҳад.

**– Се маротиба бо гирдоварии овозҳои зиёд дар «Опен-буҷет» ғолиб баромадед. Муборак бошад!**

– Ташаккур. Ин ҳам дастоварди хеле калони кӯдакистони мо аст. Аз ҷумла, ин пирӯзӣ мусоидат намуд, ки соҳиби батареяи офтобӣ шудем. Минбаъд дар саҳни ҳавлии кӯдакистон атраксионҳои гуногун оварда насб мекунанд ва кӯдакон вақташонро шавқовар мегузаронанд. Фарши он бо сабзаи сунъӣ пӯшонда мешавад.

Аз суҳбат бо Шӯҳрат Бобоҷонов боз ин маъниро дарёфтам, ки Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи МЕЛКО-100-ро тахти татбиқ қарор додааст. Тибқи он аз байни муассисаҳои таълими томактабии ҷумҳурӣ 100-то муассиса дар ҷараёни гузаронидани пурсишнома ширкат кардаанд. Ин лоиҳа бо ҳадафи беҳбуди сифати таълим гузаронида шуда, дар он кору фаъолияти директор, омӯзгорон, тарбиячиён, инчунин бархурди падару модарони кӯдакон тахти мушоҳида қарор гирифтааст ва кӯдакон низ ба саволҳо посух додаанд.

– Ҷараёни таълиму тарбияро коршиносон ва кормандони вазорат аз соати 07 то 13.00 мавриди мушоҳида қарор доданд. Натиҷа хурсандибахш баромад ва мизонҳои муқарраршуда дар кӯдакистони мо пурра риоя карда шуданд, – мегӯяд мудир.

Ногуфта намонад, ки ҳамшираи шафқат Саодат Эргашева ҳамеша кӯдаконро аз муоинаи тиббӣ мегузаронад. Хӯрокҳои лазизу бомаззаи



ошпазҳо Саҳобатхон Мӯсоева, Дурдона Рӯзибоева ва Ситора Рӯзиқулоаро кӯдакон бо иштиҳо тановул мекунанд. Ҳайратовар ин аст, ки тарбиячиёни собиқадор Шоҳида Аҳмадова ва Гулчеҳра Мирзокалонова баъди фаъолияти тӯлонӣ дар 50-солагӣ коллеҷи омӯзгориро хатм карда, ба идомаи фаъолият пардохтаанд.

Кӯдакистон ҷиҳати сабзонидану парвариши гулҳои гуногун низ таҷрибаи хос дорад. Гуфта мешавад, ки маблағи аз ҳисоби фурӯхтани гул бадастомада барои харидории ҷиҳози гуногуни кӯдакистон сарф мешавад.

Шӯҳрат Бобоҷонов бо ҳамсараш – Шаҳло, ки омӯзгори тоифаи олии фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 17 мебошад, соҳиби панҷ фарзанд ҳастанд. Ду духтари онҳо дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ, як духтарашон дар Донишгоҳи хусусии Ангрен таҳсил мекунанд. Ду фарзанди дигари хурдӣ мактабхон мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Шаҳри АНГРЕН.*
*Вилояти ТОШКАНД.*

## ХУДСИТОӢ ХОСИ ҶАВОНМАРДОН НЕСТ

Аз рӯи таомул боре ба меҳмоние даъват шуда будем. Дар атрофи дасторхон ду-се нафари ба мо ношинос низ ҳузур доштанд. Аз аҳли нишаст як ҷавони ситорагарм ба шахси тақрибан 55-60 сола, ки миёнақаду фарбеҳ ва зарднамо буд, «Акаи Ҳоҷӣ» гӯён муроҷиат мекард.

Ба худ меандешидам, ки дар ин нишаст аз суҳбати дилчасп, нақли мароқангез ва ривояти ибратбахш баҳра бардошта, лаззат хоҳем бурд.

Баногоҳ, ғайричашмдошт «Акаи ҳоҷӣ» бетакаллуфона ба худситоӣ шурӯъ намуд. На ба одоби муошират ва на ба таъбири «осиё ба навбат» амал мекард ӯ. Мегуфт, ки ду сол пеш фалон километр роҳи маҳалларо мумфарш гардонда, порсол ба сохтмони масҷид бисмадон маблағро эҳсон карда будам ва амсоли инҳо. Эҳтимол, чунин гуфтору рафтор нишонаи манманӣ ва ё бемаърифатӣ бошад. Ҳол он ки дар ин маврид дар урфият чунин овардаанд, ки ҳақ асту рост: «Эҳсоне, ки дасти ростат медиҳад, дасти чапат пай набарад».

Ба ростӣ, ба назар чунин мерасад, ки баъзеҳо бо иззатталабӣ ва худбиниҳои макоронаашон тавре ба мушоҳида мерасанд, ки дар амалҳои хайрашон ҳадафҳои ноҷавонмардона нуҳуфтааст. Яъне, мақсадашон он аст, ки эшонро беҳтар «бишиносанд», ҳамду саношон хонанд ва ё тавассути зоҳирпарастӣ ва сохтакориҳо соҳиби молу мансабе гарданд. Худхоҳони ноӯҳдабаро бошанд, обро лой намуда моҳӣ доштан мехоҳанд. Бар замми ин кору амали дигаронро беибо ба худ нисбат доданӣ мешаванд.

Ин ҷо рӯ меорем ба суханони файласуфонаи Шайх Саъдӣ, ки хеле моҳирона гуфта шудааст ва аминам ин як навъ посухест ба чунин тоифа:

*Мушк он аст, ки худ бибӯяд,*
*На он ки аттор бигӯяд.*

**Ниёзмурод МУРОДОВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.**

Аҳли ҷамоаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба муовини сармуҳаррир Тоҷибой Икромов нисбати вафоти бармаҳали хоҳараш

**Мунира НИШОНОВА**
ҳамдардии амиқ изҳор менамоянд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125.
Адади нашр 4538. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.